# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

(Қонуни ҶТ аз 26.12.2005 № 122, аз 28.12.2012 № 908, аз 22.07.2013 № 995, аз 31.12.2014 № 1174)

Қонуни мазкур асосҳои ба кор бурдани ҳуҷҷатҳои электронӣ, талаботи асосӣ ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба амал меоянд, муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- ҳуҷҷати электронӣ - маълумоте, ки дар ҳомили мошинӣ сабт шудааст ва ба талаботи муқарраркардаи Қонуни мазкур мувофиқат мекунад;

- гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ - тартибдиҳӣ, истифода, нигоҳдорӣ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки ба воситаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешаванд;

- ҳомили мошинӣ - диски магнитӣ, лентаи магнитӣ, диски лазерӣ ва дигар ҳомилҳои моддӣ, ки дар сабту нигоҳдории маълумот ба воситаи техникаи электронию ҳисоббарор истифода бурда мешаванд;

- дигар воситаҳои ҳаммонандкунӣ - дигар воситаҳои ҳаммонандкунии мураттиби ҳуҷҷати электронӣ, ки шахсони ҳуқуқӣ метавонанд онҳоро бо мақсади истифодабарӣ ҳангоми гардиши дохилӣ ё байниҳамдигарии ҳуҷҷати электронӣ дар мувофиқа қабул намоянд;

- мураттиби ҳуҷҷати электронӣ - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз номи худ ё аз номи шахси дигар (бо супориш ӯ) ҳуҷҷати электрониро бо истифода аз воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тартиб додааст;

- нусхаи электронии ҳуҷҷати коғазӣ - нусхабардории ҳуҷҷати коғазӣ дар шакли электронии рақамӣ, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ҷавобгӯ мебошад;

- нусхаи электронии ҳуҷҷати электронӣ - нусхабардории ҳуҷҷати электронӣ дар шакли электронии рақамӣ, ки бо воситаҳои ҳаммонандкунии аз эътибор соқитшуда ва ҳаммонандкунандаҳои ҳуҷҷати электронии эътибордошта акс гардидааст ва аз руи шакли худ ба талаботи Қонуни мазкур мутобиқ мебошад;

- имзои электронӣ - ҳамшабеҳи имзои дастӣ, ки барои ҳаммонандкунии шахси ҳуҷҷати электрониро имзокарда пешбинӣ шудааст ва ҳақиқӣ будани онро тасдиқ мекунад;

- молики система ва шабакаҳои иттилоотӣ - субъекте, ки дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани система ва шабакаҳои иттилоотӣ мебошад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

## Моддаи 2. Соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

Ҳуҷҷати электронӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияте, ки дар онҳо воситаҳои барномавӣ ва техники барои тайёр кардан, коркард, нигоҳдорӣ, ирсол ва қабули иттилоот заруранд, истифода шуда метавонад. Бо кумаки ҳуҷҷатҳои электронӣ аҳдҳо (шартномаҳо) баста шуда метавонад, ҳисоббаробаркуниҳо сурат гирифта, мукотиба, ирсол ва қабули ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумотҳо ба амал меоянд.

Маҳдудият дар истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда метавонад.

Ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути ҳамаи воситаҳои алоқа, аз ҷумла системаҳо ва шабакаҳои иттилоотӣ, агар ин ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат накунад, фиристода шуда метавонанд.

## Моддаи 3. Субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электрони

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

Дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ давлат, дар шахси мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ дониста мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*)

Шаклҳои муносибати субъектҳо дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ бо шартномаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаван(*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

## Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷати электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат аст (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908, аз 31.12.2014 № 1174)*.

## Моддаи 5. Идоракунӣ ва танзими давлатии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ

(*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*)

Идоракунӣ ва танзими давлатии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, таъмини ҳимояи маълумот ҳангоми тайёр кардани он, коркард, ирсол, қабул ва нигоҳдории вай ва дигар мақсадҳо нигаронда шудааст (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

Идоракунӣ ва танзими давлатиро дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

## БОБИ 2. ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

### Моддаи 6. Талаботи асосӣ ба ҳуҷҷатҳои электронӣ

Ҳуҷҷати электронӣ бояд ба талаботи зерин мувофиқат кунад:

- тавассути воситаҳои барномавӣ ва техники тайёр шуда, коркард шавад, ирсол, қабул ва ҳифз гардад;

- дорои нишонаҳое бошад, ки имконияти диҳандаи ҳаммонандкунии он бошанд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*);

- дар шакле пешниҳод гардад, ки қобили қабули фаҳми инсон бошад.

### Моддаи 7. Таркиби ҳуҷҷати электронӣ

Ҳуҷҷати электронӣ аз ду қисми таркибӣ - умумӣ ва махсус иборат аст.

Қисми умумии ҳуҷҷати электронӣ аз маълумоти дорои мазмуни ҳуҷҷат ва маълумот дар бораи гирандаи мактуб иборат аст.

Қисми махсуси ҳуҷҷати электронӣ аз як ё якчанд имзоҳои электронии рақамӣ ё дигар воситаҳои ҳаммонандкунии мураттиб, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестандиборат аст *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 8. Шаклҳои пешниҳод кардани ҳуҷҷати электронӣ

Ҳуҷҷати электронӣ шаклҳои пешниҳоди дохилӣ ва берунӣ дорад.

Шакли пешниҳоди дохилии ҳуҷҷати электронӣ аз сабти иттилооти он ҳуҷҷат дар ҳомили мошинӣ иборат аст.

Шакли пешниҳоди берунии ҳуҷҷати электронӣ аз таҷдиди ин ҳуҷҷат дар экрани дисплей, дар қоғаз ё дигар маводи аз ҳомили мошинӣ ҷудошаванда дар намуди ба чашм намоён (бе воситаҳои техникӣ) ва қобили қабули фаҳми инсон, иборат аст.

### Моддаи 9. Асли ҳуҷҷати электронӣ

Асли ҳуҷҷати электронӣ танҳо дар ҳомили мошинӣ мавҷуд аст. Ҳамаи нусхаҳои ҳуҷҷати электронӣ, ки дар ҳомили мошинӣ қайд шудааст ва яке ба дигаре монанд аст, асл ҳисобида мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

Дар ҳолате, ки аз тарафи як шахе ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ тайёр мешавад ва ҳуҷҷати электронӣ, ки аз рӯи мазмун ба он ҳаммонанд аст, ҳар ду ҳуҷҷат ҳуҷҷатҳои мустақил ҳисобида мешаванд.

Ҳуҷҷати электронӣ дар он сурат асл ҳисобида мешавад, ки агар он дорои имзои электронии ҷавобгӯ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар воситаҳои ҳаммонандкунии мураттиб бошад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 10. Нусхаи ҳуҷҷати электронӣ ва тасдиқи он

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Нусхаи ҳуҷҷати электронӣ бо роҳи тасдиқи намунаи ҳуҷҷати электронии дар ҳомили коғазӣ ё бо истифода аз имзои электронӣ пешниҳодшуда ва ё дигар воситаҳои ҳаммонандкунӣ, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд, тайёр карда мешавад.

Нусхабардории асл ё нусхаи ҳуҷҷати электронӣ, ки ба таври дахлдор тасдиқ карда нашудааст, эътибори ҳуқуқӣ надорад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 11. Эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷати электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Ҳуҷҷати электронӣ дар ҳомили мошинӣ бо ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ баробар дониста мешавад ва бо он эътибори якхелаи ҳуқуқӣ дорад.

Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намояд, ки ҳуҷҷат ба таври хаттӣ ба расмият дароварда шавад ва ё дар шакли хаттӣ пешниҳод гардад, пас ҳуҷҷати электронӣ ба ин талабот мутобиқ дониста мешавад.

Ҳуҷҷати электронӣ баимзорасида эътироф карда мешавад, агар ҳангоми имзои он имзои электронӣ ё дигар воситаҳои ҳаммонандкунии мураттиб, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошанд, истифода шуда бошанд. Тарзи ҳаммонандкунии шахси имзокарда ҳамчунин метавонад бо мувофиқаи тарафҳо пешбинӣ гардад.

Агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи нотариали ва (ё) бақайдгирии давлатии ҳуҷҷати электрониро талаб намояд, ҳуҷҷати электронӣ ё нусхаи он бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад ё ба қайд гирифта шавад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 12. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Модцаи 13. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 14. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 15. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 16. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ аз ҷониби ташкилотҳое, ки фаъолияти бойгонӣ ва фаъолияти нигоҳдории маълумоти ҳуҷҷатнокшударо анҷом медиҳанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Тартиби нигоҳдорӣ ва нест кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони масъулро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 16(1). Тайёр намудан, ба расмият даровардан, нигоҳдорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Агар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои намудҳои алоҳидаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ талабот оид ба тайёр намудан, ба расмият даровардан, нигоҳдорӣ ва гардиши онҳоро пешбинӣ намоянд, ин талабот ба ҳуҷҷатҳои электронӣ низ бо назардошти хусусиятҳои тайёр намудан, ба расмият даровардан, нигоҳдорӣ ва гардиши онҳо дахл доранд.

Дар мавридҳои зарурӣ талаботи муайяне, ки ба ҳуҷҷатҳои коғазӣ пешниҳод мегарданд, метавонанд бекор карда шаванд ё бо дигар талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои электронӣ иваз карда шаванд.

Қоидаҳои тайёр намудан, ба расмият даровардан, нигоҳдорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ барои мақомоти давлатӣ, инчунин тартиби гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ байни мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳо ва созишномаҳои байни иштирокчиёни ин муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

### Моддаи 17. Ҳимояи ҳуҷҷати электронӣ

Шахсоне, ки бо тайёр кардан, коркард, қабул, ирсол ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ машғуланд, бояд аз воситаҳои барномавӣ ва техникӣ, ки сатҳи зарурии ҳимояи ин ҳуҷҷатҳоро таъмин менамоянд, истифода баранд.

Сатҳи зарурии ҳимояи ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иттилооте, ки дар онҳо мавҷуданд, ҳангоми истифодаи системаю шабакаҳои иттилоотӣ барои ташкили гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ аз тарафи молики ин системаю шабакаҳо таъмин мешаванд.

### Моддаи 18. Ҳуҷҷатҳои электронии дорои иттилооте, ки паҳн карданн он манъ шудааст ё маҳдуд гардидааст

Мазмуни ҳуҷҷатҳои электронӣ аз маълумоти дорои сирри давлатӣ, хизматӣ ё тиҷоратӣ ва дигар маълумот иборат буда метавонад, ки паҳн кардани онҳо манъ шудааст ё маҳдуд гардидааст. Қоидаҳои истифода ва чораҳои ҳимояи маълумотро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеие, ки вазифаҳои онҳо кор бо ҳуҷҷатҳои электронии дорои маълумоти дар қисми якуми моддаи мазкур зикргардида мебошанд, ӯҳдадоранд, ки ҳангоми гузаронидани ҳуҷҷатҳои электронӣ ба воситаи каналҳои алоқа системаҳои сертификатсияшудаи ҳимояи иттилоотро истифода баранд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

### Моддаи 18(1). Вақт, маҳалли ирсол ва қабули ҳуҷҷати электронӣ

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

Агар бо мувофиқаи тарафҳо холати дигар пешбинӣ нашуда бошад, вақти ирсоли ҳуҷҷати электронӣ лаҳзае ҳисобида мешавад, ки ҳуҷҷати электронӣ аз шабакаи иттилоотии ирсолкунанда ё шабакаи иттилоотии шахси пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ оид ба ирсоли ҳуҷҷати электронӣ мебарояд.

Агар бо мувофиқаи тарафҳо ҳолати дигар пешбинӣ нашуда бошад, вақти қабул кардани ҳуҷҷати электронӣ лаҳзае ҳисобида мешавад, ки ҳуҷҷати электронӣ ба шабакаи иттилоотии шахси қабулкунанда ё шабакаи иттилоотии шахси пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ оид ба қабули ҳуҷҷати электронӣ ворид мегардад *(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*.

## БОБИ 3. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 19. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 20. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

## БОБИ 4. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 21. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 22. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

### Моддаи 23. Хориҷ карда шуд

*(Қонуни ҶТ аз 31.12.2014 № 1174)*

## БОБИ 5. МАСЪУЛИЯТИ ШАХСОНЕ, КИ ДАР СОҲАИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАНД

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

### Моддаи 24. Масъулияти шахсоне, ки дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ фаъолият мекунанд

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба хизматрасонӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ машғуланд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муштариёни худ барои хизмат нарасонидан ё сифати номуносиби хизматрасонӣ, инчунин барои зарари ба онҳо расонидашуда масъул мебошанд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

Шахсони аз рӯи вазифаҳои хизматиашон ҳуқуқи дастрасӣ ба маълумоти дар ҳуҷҷатҳои электронӣ мавҷудбуда дошта, ки паҳн кардани онҳо манъ ё маҳдуд карда шудааст, барои махфияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсан масъул мебошанд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

## БОБИ 6. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

### Моддаи 25. Ҳамкории байналмилалӣ

Субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонанд дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ иштирок кунанд, бо ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд шартномаҳо банданд, инчунин системаю шабакаҳои иттилоотии байналмилалиро мутобиқи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

*(Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908)*

### Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 28.12.2012 № 908*).

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 10 майи соли 2002 № 51

ш. Душанбе